**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии № 65

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ таҳти № 66 аз 27-уми августи соли 2021

Барои сазовор донистани Назаров Давлатхон Қурбонмуродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 20.04.2021, суратмаҷлиси №53 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019, №133) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Назаров Давлатхон Қурбонмуродович 10-уми декабри соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2004 ба шуъбаи рӯзонаи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 2009 донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст. Соли 2021 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси идоракунии ҳайати кадрӣ низ хатм кардааст.

Солҳои 2009 – 2012 дар вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқ, солҳои 2012 – 2018 дар вазифаи мудири бахши таъминоти ҳуқуқӣ ва аз соли 2018 то

инҷониб дар вазифаи сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Солҳои 2010 – 2013 дар шуъбаи аспирантураи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳсил намуда, аз соли 2020 инҷониб унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаҳои ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ омода ва муҳокима шудааст. Диссертатсия ҳамчунин, дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат ва ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратҷаласаи № 06 аз 23-юми январи соли 2021).

Мавзӯи диссертатсия – «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 2 аз 28.02.2020 (бо тағйиру иловаҳо)).

**Роҳбари илмӣ: Икрами Заррух Алимович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАМИНОТ24» (Ҷумҳурии Қазоқистон).

**Мушовири илмӣ: Раҷабов Саитумбар Адинаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Маликова Азиза Хорисовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи ҳуқуқ ва фалсафаи Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара (ш. Самара, Федератсияи Россия).

**Мансуров Умед Абдуфаттоҳович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии **«Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон»** (ш. Хуҷанд), дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳомидова М.Ф. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании ва меҳнати факултети зикршудаи ҳамин муассиса Санавваров Ғ.Б. ба имзо расида, аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар ин баробар муаллифи он Назаров Давлатхон Қурбонмуродович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор дониста мешавад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия, муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки 6 мақолаи ӯ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯй аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

1. Назаров, Д.К. Источники трудового права Республики Таджикистан / Д.К. Назаров // Вестник педагогического университета. Серия гуманитарные науки. – 2013. – №4 (53). – С. 237-242.

2. Назаров, Д.К. Вопросы эффективности механизма контроля МОТ в Республике Таджикистан / Д.К. Назаров // Вестник педагогического университета. – 2014. – №1 (56-2). С. 117-121.

3. Назаров, Д.К. Имплементация норм конвенций и рекомендаций МОТ в национальное законодательство / Д.К. Назаров // Вестник педагогического университета. – 2015. – №3 (64). С. 285-287.

4. Назаров, Д.К. Международные правовые акты в системе источников правового регулирования трудовых и связанных с ними отношений / Д.К. Назаров // Вестник Таджикского национального университета. – 2016. – № 2/9 (218). С. 289-294.

5. Назаров, Д.К. Международные правовые акты ООН в сфере труда / Д.К. Назаров // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 2/1. С. 244-247.

6. Назаров, ДК. Акты МОТ: правовая природа и классификация / Д.К. Назаров // Академический юридический журнал. –2018. – №4 (28). С. 77-82.

**Мақолаҳои илмиии унвонҷӯ, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

7. Назаров, Д.К. Коллективно и индивидуально-договорное регулирование трудовых и тесно связанных с ними отношений / Д.К. Назаров // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: масоили таърихи пайдоиш ва нақши он дар рушди падидаҳои давлату ҳуқуқ (маводи

конфронси илмии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2019. – С. 131-157.

8. Назаров, Д.Қ. Низоми назорати риоя ва татбиқи санадҳои байналхалқӣ оид ба меҳнат дар сатҳи СММ ва СБМ дар давраи истиқлолият / Д.Қ. Назаров // Истиқлолияти давлатӣ ва рушди давлатдории миллӣ (маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 26-солагии Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 03 ноябри соли 2020.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин якчанд тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд: Ғафурзода А.Д.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Одиназода Р.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Шамсиев Х.Р.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори идораи ҳуқуқи ҶСК «Ориёнбонк»; **Ахмедов Э.Ю.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявии Донишгоҳи давлатии Данғара.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ шуда, дар онҳо баъзе эродҳои дорои хусусияти баҳснок баён гардидааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро доир ба моҳият ва мазмуни нуктаи илмии муҳим, дарҷ нагардидани муҳимтарин асарҳои олимон ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар бахшҳои таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ ва заминаҳои меъёрии таҳқиқоти диссертатсионӣ, татбиқи амалии институтҳои ҳуқуқӣ, пешниҳодҳо ва назарҳои шахсии муаллифи автореферат дар замони муосир ва дигар камбудиҳои забониву имлоиро фаро мегирад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ чунин далелҳо исбот шудаанд:**

Оид ба ҷойгоҳ ва нақши санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои меҳнат дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бо онҳо алоқаманд дар Тоҷикистон таҳлили маҷмӯи анҷом дода шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба он асоснок карда шудааст, ки** аз хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷойдошта зимни пажӯҳиши минбаъдаи масоили амали якҷояи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба меҳнат ва таносуби онҳо, инчунин дар раванди такмили қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ комилан мутобиқ намудани он истифода намудан мумкин аст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсус, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, расмии ҳуқуқӣ, таҳлилӣ ва дигар методҳои хусусӣ-илмӣ истифода шудаанд.

Чун заминаи илмӣ ва назариявии таҳқиқот осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Ғ.М. Бобокалонов, З.А. Икромӣ, А. Имомов, З.Х. Искандаров, Х.Р. Қодирқулов, И.И. Камолзода, Н.Р. Маҳмадуллозода, Ш.М. Менглиев, С.А. Раҷабов, М.З. Раҳимзода, Б.А. Сафарзода, Ф.С. Сулаймонов, Р.Ш. Шарофзода, Н. Шонасридинов, инчунин донишмандони дигар кишварҳои ИДМ А.Э. Аметистов, Д.К. Бекяшев, Л.Ю. Бугров, О.А. Вострецова, К.Н. Гусов, С.А. Иванов, И.Я. Киселев, А.М. Куренной, М.В Лушникова, Н.Л. Лютов, С.П. Маврин, С.Ю. Марочкин, М.Н. Марченко, А.Ф. Нуртдинова, Ю.П. Орловский, Г.С. Скачков, О.В. Смирнов, К.Л. Томашевский, Г.И. Тункин, Е.Б. Хохлов, Д.В. Черняева, И.В. Шестерякова истифода шуда, дар баробари ин, ҳангоми таҳқиқот осори донишмандони кишварҳои хориҷи дур Н. Валтикос, Л. Свепстон, Ш. Ссел, А. Томас ва дигарон мавриди назар **қарор гирифтаанд**.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф боботи рушди минбаъдаи ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи байналхалқии меҳнат саривақтӣ ва муфид арзёбӣ гардида, пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва такмили қонунгузории соҳа истифода шаванд;

- маводи диссертатсия метавонад дар раванди таълим, ҳангоми дарсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус оид ба ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсон, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, эъҷоди рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври комил мавриди истифода қарор гирад;

- таҳияи пешниҳод ва тавсияҳои асоснокро ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории дохилидавлатӣ оид ба меҳнат бо мақсади таъмини мувофиқати пурраи он бо санадҳои эътирофнамудаи байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат истифода кардан мумкин аст.

**Баҳои саҳеҳ будани натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар таълимоти ҳуқуқи меҳнатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯй, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳ будани натиҷаҳоро таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯй барои рушди қонунгузории кишвар бо мақсади таъмини мувофиқати пурраи он бо санадҳои эътироф-намудаи байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат мусоидат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи худ дар анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ бо пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо, тавсияҳо, нуктаҳои илмӣ ва 8 мақолаи илмии интишор намудаи ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 27 августи соли 2021 қарор қабул гардид, ки ба Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз 23 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 20 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 5 нафари онҳо докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 20 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**27 августи соли 2021**